МИЛАЛИ МУТТАҲИД ТОҶИКИСТОН




# ҲИСОБОТ ОИД БА НАТИҶАҲОИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ҚОЛАБИИ СОЗМОНИ МИЛЛАЛИ МУТТАҲИД ОИД БА КӮМАК БАРОИ РУШД (ЮНДАФ) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ МИЁНАМӮҲЛАТИ СОЛҲОИ 2016-2018

ФАО – Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ
ТБМ – Ташкилоти байналмиллалии меҳнат
ТБМ – Ташкилоти байналмиллалии муҳоҷират
РҲМБ СММ – Раёсати СММ оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои башардӯстона
ДКОҲИ – Дафтари Комиссари олии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масоили ҳуқуқи инсон
ЮНЭЙДС – Барномаи муттаҳидаи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масоили ВНМО ва БПНМ
БРСММ – Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид
КИСММА – Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо
ЮНЕСКО – Ташкилоти Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг
ХНСММ – Хазинаи нуфузи Созмони Миллали Муттаҳид
ДСММНҶ – Дафтари Созмони Миллали Муттаҳид оид ба мубориза бо маводи нашъаовар ва ҷиноятҷорӣ
ДКОГ СММ – Дафтари Комиссари олии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масоили гурезагон
ЮНИСЕФ – Хазинаи кӯдакони Созмони Миллали Муттаҳид
ММДПОМ СММ- Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ
СММ ЗАНОН – Сохтори Созмони Миллали Муттаҳид оид ба баробарии гендерӣ ва васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон
БУО – Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣ
ТУТ – Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ

# Пешгуфтор



Аз номи гурӯҳи сохторҳои Созмони Миллали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ГС СММ ҶТ) бо хушнудии хоса ба эътибори Шумо ҳисоботро оид ба натиҷаҳои татбиқи Барномаи қолабии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба кӯмак барои рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 пешкаш менамоям.

Дар ҳисоботи мазкур натиҷаҳои миёнамӯҳлат, маҳсули кӯшишҳои муштараки сохторҳои СММ дар ҷодаи дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ноил гардидан ба афзалиятҳои миллии кишвар ва ҲРУ, инъикос гардидаанд.

Дар БҚСММКР (минбаъд Барномаи ЮНДАФ) (2016-2021) ба шаш натиҷаҳои афзалиятнок эътибор дода мешавад: 1) идоракунии демократӣ, волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон, 2) рушди иқтисодии устувор ва одилона, 3) рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ), 4) амнияти озуқаворӣ ва ғизо, 5) ҳамгиросозӣ ва васеъкунии ҳуқуқу имкониятҳои гурӯҳҳои осебпазир ва 6) тобоварӣ ва суботи экологӣ.

Дар ҳисоботи мазкур татбиқи Барномаи ЮНДАФ дар солҳои 2016-2018 натиҷаҳои калидии саҳми муштараки сохторҳои СММ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи натиҷаҳои Барномаи ЮНДАФ, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, аҳолӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шарикони рушд ба даст оварда шудааст, инъикос гардидааст.

Мо ба кулли ташкилотҳои кӯмакрасон барои дастгирии молиявӣ ва ҳамкории намунавӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдории бепоён изҳор менамоем.

Доктор Пратибҳа Меҳта
Ҳамоҳангсозии доимии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Мухтасар дар бораи Барномаи қолабии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба кӯмак барои рушд (Барномаи ЮНДАФ)

Барномаи қолабии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба кӯмак барои рушд (Барномаи ЮНДАФ) барои солҳои 2016-2021 аз ҷониби СММ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 18-уми декабри соли 2015 ба имзо расонида шудааст ва ҳамчун ҳуҷҷати умумии заминавӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолият дар татбиқ, мониторинги муштарак ва ҳисоботдиҳии пайваста оид ба натиҷаҳо аз ҷониби сохторҳои СММ истифода мегардад.

Барномаи ЮНДАФ барои роҳнамоии фаъолияти сохторҳои СММ дар сатҳи кишвар истифода мешавад. Дар он масъулияти умумии байни сохторҳои СММ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба натиҷаҳо мувофиқагардида ҷиҳати дастгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ноил гардидан ба афзалиятҳои миллии дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайянгардида, ки дар татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор мусоидат карда истодааст, зикр гардидааст.

Гурӯҳи сохторҳои СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ГССММҶТ) тавассути ҳамкории наздик бо шарикони миллӣ бо мақсади таъмини пешравӣ доир ба шаш натиҷаҳои афзалиятноки зерин дар доираи якчанд ташаббусҳо ҳамкорӣ менамоянд:

- идоракунии демократӣ, волояти қонун ва ҳуқуқи инсон;
- рушди иқтисодии устувор ва одилона;
- рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ);
- амнияти озуқаворӣ ва ғизо;
- ҳамгиросозӣ ва васеъкунии ҳуқуқу имконияти гурӯҳҳои осебпазир;
- тобоварӣ ва суботи экологӣ;

Соли 2016 бо мақсади назорати татбиқи Барномаи ЮНДАФ, тасдиқи нақшаҳои амали муштараки солона ва азназаргузаронии натиҷаҳои бадастомада Кумитаи муштараки роҳбарикунандаи СММ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ҳамраисии Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳамоҳангсози доимии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.








*Муаллифи аксҳо: Дидор Садуллоев*

# Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| **БММР** | Барномаи миёнамӯҳлати рушд |
| **БРСММ** | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| **БУО** | Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣ |
| **ВНМО** | Вируси норасоии масъунияти одам |
| **ВРИС** | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| **ВҲК** | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак |
| **ГС СММ ҶТ** | Гурӯҳи сохторҳои СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ДКОҲИ СММ** | Дафтари Комиссари Олии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон |
| **ДСММММНҶ** | Дафтари Созмони Миллали Муттаҳид оид ба мубориза бо маводи нашъаовар ва ҷиноятқорӣ |
| **ДСММТЛ** | Дафтари Созмони Миллали Муттаҳид оид ба татбиқи лоиҳаҳо |
| **ДСММҲМБ** | Дафтари Созмони Миллали Муттаҳид оид ба ҳамоҳангсозии масоили башардӯстона |
| **ЗГ** | Зӯроварии гендерӣ |
| **ИЗТ** | Идоракунии захираҳои табиӣ |
| **ИҲНШҒ** | Идоракунии ҳамаҷонибаи норасоии шадиди ғизо |
| **КБТН** | Кумита оид ба барҳам додани табъизи нажодӣ |
| **КБШТЗ** | Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон |
| **КИСММА** | Комиссияи иқтисодии Созмони Миллали Муттаҳид барои Аврупо |
| **КҲК** | Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак |
| **КҲШМ** | Конвенсияи ҳуқуқҳои шахсони маъюб |
| **ҚСК** | Қоидаҳои стандартии корӣ |
| **ММД** | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| **ММСММДПОМ** | Маркази минтақавии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ |
| **ОСАҲШРТА** | Омори сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва рушди табиии аҳолӣ |
| **ОСТ** | Об, санитария ва тозагӣ |
| **САҶИ** | Сирояти тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда |
| **СММ** | Созмони Миллали Муттаҳид |
| **СМР** | Стратегияи миллии рушд |
| **СР** | Саломатии репродуктивӣ |
| **ССММЗ** | Сохтори Созмони Миллали Муттаҳид оид ба баробарии гендерӣ ва васеъкунии ҳуқуқу имкониятҳои занон |
| **ТБМ** | Ташкилоти байналмиллалии меҳнат |
| **ТУТ** | Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурусӣ |
| **ТҶ** | Ташкилоти ҷамъиятӣ |
| **ФАО** | Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ |
| **ХНСММ** | Хазинаи нуфузи Созмони Миллали Муттаҳид |
| **ҲРУ** | Ҳадафҳои рушди устувор |
| **ҲҶТ** | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ШДУ** | Шарҳи давравии универсалӣ |
| **ШИИСММ** | Шӯрои Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масоили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ |
| **ШМИ** | Шарҳи миллии ихтиёрӣ |
| **ЮНДАФ** | Барномаи қолабии СММ оид ба кӯмак барои рушд |
| **ЮНЕЙДС** | Барномаи муштараки СММ оид ба масоили ВНМО/БПНМ |
| **ЮНЕСКО** | Ташкилоти Созмони Миллали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг |
| **ЮНИСЕФ** | Хазинаи кӯдакони Созмони Миллали Муттаҳид |



# Мундариҷа

**Маълумоти мухтасар**......................................................................................... 2

**Дастовардҳои калидии кишвар дар давраи солҳои 2016 - 2018** ..................... 6

**Дастовардҳои Барномаи ЮНДАФ аз рӯи натиҷаҳои ниҳоӣ**............................. 10

Натиҷаи ниҳоии 1 – Идоракунии демократӣ, волояти қонун ва ҳуқуқи инсон.................................................................................................................. 10

Натиҷаи ниҳоии 2 – Рушди иқтисодии устувор ва одилона ......................... 12

Натиҷаи ниҳоии 3 – Рушди иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ) ..................................................................................................... 14

Натиҷаи ниҳоии 4 – Амнияти озуқаворӣ ва ғизо......................................... 16

Натиҷаи ниҳоии 5 – Ҳамгиросозӣ ва васеъкунии ҳуқуқу имкониятҳои гурӯҳҳои осебпазир ......................................................................................... 18

Натиҷаи ниҳоии 6 – Тоговарӣ ва устувории экологӣ .................................. 20

**Ҳикояҳои воқеии баҳрабарандагон**................................................................. 22

**Ҳисоботи молиявӣ барои давраи солҳои 2016-2018**........................................ 25

**Шарикони татбиқкунанда ва сохторҳои маблағгузорикунандаи Барномаи ЮНДАФ дар давраи солҳои 2016-2018** ......................................... 26

UNITED
NATIONS
TAJIKISTAN

# Маълумоти мухтасар

Солҳои 2016-2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таъмини иштироки шарикони рушд, ҷонибҳои манфиатдор ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар ҷараёни рушд ва татбиқи боз ҳам самараноки афзалиятҳои миллӣ дар партави Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва муҳити зист ба натиҷаву пешравиҳои назаррас ноил гардид.

Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) ва Барномаи миёнамӯҳлати рушд барои солҳои 2016-2020 (БММР 2020) ду ҳуҷҷати калидӣ барои мутобиқсозии ҲРУ ба шароити кишвар ва ҳамгироии минбаъдаи он ба сиёсати миллии рушд мебошад. Ҳамин тариқ, СМР-2030 ҳуҷҷати асосие мебошад, ки дар он мақсадҳои стратегии кишвар оид ба беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагӣ ва некӯаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, ҷонибҳои манфиатдор дар асоси он мақсадҳои рушди миллиро ба даст оварда, ҲРУ-ро татбиқ менамоянд.

Зиёда аз ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо гурӯҳи сохторҳои Созмони Миллали Муттаҳид Барномаи қолабии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба кӯмак барои рушд (ЮНДАФ) барои солҳои 2016-2020-ро ҳамчун механизми дастгирии ноилгардӣ ба афзалиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар СМР-2030 дарҷ гардидааст, таҳия намуданд.

Моҳи июни соли 2018 бо мақсади баҳодиҳии пешравӣ дар татбиқи ЮНДАФ барои солҳои 2016-2020, мутобиқати он ба шароити кунунӣ дар кишвар, ба ӯҳдадориҳои байналмиллалии кишвар ва механизмҳои идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии бамувофиқаомада, ГССММ ҶТ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии миёнамӯҳлати барномаро доир намуданд. Натиҷаҳои калидии арзёбии миёнамӯҳлат байни ГССММ ҶТ ва Ҳукумат мувофиқа гардида, дар натиҷаи он се тавсияи асосии зерин барои андешидани чораҳои минбаъда ҷиҳати мутобиқати муттасили барнома бо Стратегияи миллии рушд, нишондиҳандаҳои ҲРУ бахри бартараф кардани мушкилоти дар кишвар мавҷуда қабул карда шуд: 1) азназаргузаронии нишондиҳанда ва ҷадвали натиҷаҳои Барномаи ЮНДАФ. 2) Ҳатман ворид намудани масоили муҳоҷират ва об, санитария ва тозагӣ 3) Ба як соли дигар, яъне то соли 2021 тамдид намудани Барномаи ЮНДАФ барои солҳои 2016-2020. Соли 2018 як нуқтаи миёнаи татбиқи Барномаи ЮНДАФ буда, дар ин сол пешравиҳо вобаста ба шаш натиҷаи ниҳоӣ арзёбӣ карда мешавад: 1) идоракунии демократӣ, волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон; 2) рушди иқтисодии устувор ва одилона; 3) рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ); 4) амнияти озуқаворӣ ва ғизо; 5) ҳамгиросозӣ ва васеъкунии ҳуқуқу имкониятҳои гурӯҳҳои осебпазир; ва 6) тобоварӣ ва суботи экологӣ.

**Дар соҳаи идоракунии демократӣ** солҳои 2016-2018 якчанд ҳуҷҷатҳои миллии сиёсие, ки ба беҳтар намудани риояи ҳуқуқҳои занон, кӯдакон ва шахсони маъюб равона карда шудаанд, қабул карда шуд. Қабули Барномаи миллии амал барои соли 2020 ҷиҳати амалисозии тавсияҳои ШДУ, татбиқи Барномаи давлатии рушди мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва баимзорасонии Конвенсияи ҳуқуқи шахсони маъюб (КҲШМ) аз ҷумлаи дастовардҳои калидӣ мебошад. Бо мақсади ба роҳ мондани низоми замонавии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва рушди табиии аҳолӣ (САҲШРТА) ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои ҳукумати электронӣ дар кишвар соли 2018 Гурӯҳи корӣи байниидоравӣ оид ба масоили сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва рушди табиии аҳолӣ (САҲШРТА) таъсис дода шуд. СММ инчунин ҷиҳати беҳтарсозии вазъият дар ҷодаи пешгирии ҳолатҳои бешаҳрвандӣ ва ҳифзи гурезагон барои баланд бардоштани нерӯи сохторҳои кишвар мусоидат намуд.

Бо мақсади дастгирии Ҳукумати кишвар ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз 31 фоиз дар соли 2016 ба 20 фоиз дар соли 2020 СММ дар ҷумҳурӣ дар татбиқи як қатор иослоҳотҳо оид ба **рушди босуботи иқтисодӣ,** ҳамгироии бештари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низомҳои глобалии занҷираи таъминот, савдо, шуғли одилона ва арзанда, рушд ва навовариҳои технологӣ, истифодаи захираҳои барқароршавандаи барқ ва истеҳсолоти босуботи кишоварзӣ мусоидат карда истодааст. СММ инчунин дар ҷодаи тақвияти нерӯи сохторҳои мақомоти иҷроия дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар масоили банақшагирии стратегӣ, ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна саҳм гузошта, рушди соҳибкорони маҳаллиро тавассути пешниҳоди қарзи хурд ва омӯзиши касбӣ, ки дар натиҷа ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои аз ҳама осебпазири аҳолӣ имкон дод, дастгирӣ карда истодааст. Гурӯҳи сохторҳои СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати кишварро соли 2017 дар таҳияи Шарҳи миллии ихтиёрӣ (ШМИ) ва соли 2018 дар таҳияи Ҳисоботи якуми миллӣ оид ба иҷрои ҲРУ дастгирӣ намуд.

**Дар масъалаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ** ба бехтар намудани корҳо оид ба фарогирии аҳолӣ дар ҷойҳо ва сифати барномаҳо оид ба беҳбудии хизматрасониҳои тандурустӣ дар миқёси кишвар эътибор дода шудааст. Муайянсозии сиёсати миллӣ ва қабули заминаи қонунгузорӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку", Барномаи миллии иммунопрофилактика барои давраи то соли 2020, Барномаи миллии мубориза бо ВНМО барои давраи то соли 2020, Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ барои солҳои 2019-2022 бо маълумот оид ба арзиши он, Барномаи миллии тавонбахшии шахсони маъюб барои солҳои 2017-2020 аз ҷумлаи дастовардҳои қобили қайд мебошад. Бо мақсади беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои СММ дар таъсиси заминаи зарурии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ҷиҳати воридсозии механизмҳои ҳифзи аз ҷониби СММ дастгиришаванда ба Стратегияи миллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ то соли 2020 мусоидат намуданд. Дастоварди мазкур барои беҳтар намудани дастрасии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба хӯрок дар мактаб ва инчунин ба барномаҳои мактабӣ барои кӯдакони аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи гуманитарӣ азияткашида мусоидат намуд. Созмони Миллали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини дастрасии баробар ва фарогир ба таҳсилот аз овони хурдсолӣ то наврасӣ (марҳалаи аввали ҷавонӣ) муносибати ҳамаҷонибаро мавриди истифода қарор дод.

Ҳамин тавр, кӯмак дар масоили беҳтар намудани имкониятҳои кӯдакони синну соли томактабӣ барои омӯзиш, ба таври таҷрибавӣ ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир дар мактаб бо мақсади бо таҳсил фаро гирифтани кӯдакони маъюб дар мактабҳои умумӣ ва таҳияи Барномаи таълимӣ дар асоси салоҳият барои кӯдакони дар мактаб таҳсилкардаистода ва таҳсилнакардаистода тавассути додани эътибори хоса ба наврасон ва ҷавонони "бо таҳсилот, шуғл ва омӯзиш фарогирифтанашуда" (ТШОФ) пешниҳод гардидааст.

**Дар масъалаи амнияти озуқаворӣ ва ғизо** СММ бо мақсади коҳиш додани ҳолатҳои қадпастӣ ва камвазнӣ дар байни кӯдакон тавассути Барномаи миллии идоракунии ҳамаҷониба ва барҳам додани норасоии шадиди ғизо (ИҲНШҒ) ва тақвияти нерӯи кормандони соҳаи тиб оид ба назорати норасоии шадиди ғизо корҳоро давом дод. СММ инчунин ҷиҳати ба стандартҳо боз ҳам бештар ҷавобгӯй намудани сиёсати кишвар оид ба бехатарии озуқаворӣ ва сохторҳои марбутаи ҷумҳурӣ кӯмак намуда, бо мақсади мусоидат ба бехатарии озуқаворӣ, татбиқи қонунгузорӣ оид ба йодноккунии намаки ошӣ ва пешгирии бемориҳои вобаста ба ғизо нерӯи иштирокчиёни ин ҷараёнро аз ҳисоби сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ тақвият дод.

СММ якчанд ташаббусҳоро оид ба **ҳамгиросозӣ ва васеъкунии ҳуқуқу имкониятҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ,** пешгирии зӯроварии гендерӣ, васеъкунии ҳуқуқу имкониятҳои ҷавонон, ҳифзи кӯдакону шахсони маъюб ва гурезагон дастгирӣ намуда, ба рушди баробарии гендерӣ мусоидат намуд. Дар натиҷаи кӯшишҳои муштараки Ҳукумат, СММ ва ҷонибҳои манфиатдор Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия оид ба ҳуқуқи шахсони маъюбро моҳи марти соли 2018 ба имзо расонид. Ҳамчун қадами минбаъда дар доираи ташаббуси мазкур СММ Ҳукуматро дар таҳияи Стратегияи панҷсолаи паҳнкунии иттилоот ва дигаргунии иҷтимоӣ ҷиҳати тарғиби ҳамгироии иҷтимоии кӯдакон ва занони маъюб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ намуд.

**Дар масъалаи тобоварӣ ва устувории экологӣ,** соли 2017 арзёбии сеюми фаъолият дар соҳаи муҳити зист дар ҷумҳурӣ гузаронида шуда, ҳисобот дар бораи он нашр гардид. Майдони дар доираи муколамаи байниидоравие, ки аз ҷониби Платформаи миллии паст кардани сатҳи офатҳои табиӣ бо дастгирии СММ ташкил карда шудааст, ҳамчун майдони асосие барои оғоз ва пешбурди муколамаи сатҳи баланд оид ба сиёсати стратегӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории боваринок бо Ҳукумат тавассути тағйири равияи фаъолият аз мубориза бо оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ кӯмак расонид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории худро бо кишварҳои ҳамсоя беш аз пеш тақвият бахшида истодааст. СММ бо мақсади тақвияти **ҳамкории дуҷониба оид ба омодагӣ ва мубориза бо оқибатҳои офатҳои табиӣ** ба муколамаи муттасил байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти миллии мудирияти офатҳои табиии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мусоидат намуд. Корҳо оид ба баҳодиҳии хавфи офатҳои табиӣ дар миқёси кишвар татбиқ карда шуда истодаанд. Ҳамчун чораи амалӣ СММ дар ҷодаи беҳтарсозии инфрасохтор дар аксарияти минтақаҳои дар зери таъсири офатҳои табиӣ монда кӯмак расонид. Ташкилот иқтидори сохторҳои дахлдорро оид ба баҳодиҳии бехатарии фаъолияти саноатӣ ва таҳияи нақшаҳои миллии амал оид ба татбиқ ва **шомилшавӣ ба Конвенсия оид ба садамаи саноатӣ** баланд бардошт. Як силсила семинарҳо барои такмили дониш ва малакаҳои коршиносони миллӣ дар ҷодаи ташаккули кадастри партовҳои моддаҳои ифлоскунандаи атмосфера ва таҳияи ҳисоботи ҳамаҷониба оид ба кадастрҳо мутобиқи талаботи Конвенсияи ҳифзи атмосфера мусоидат намуд. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мусоидат ба тасвиб ва татбиқи **Конвенсияи Эспо оид ба баҳодиҳии таъсир ба муҳити зист ва Протоколи он** дар ҷодаи такмили қонунгузорӣ пеш аз шомилшавӣ ба Конвенсияи мазкур кӯмак расонида шуд.

Бо мақсади татбиқи тавсияи **ба кишвар дар доираи Барномаи манзил ва идоракунии замин** пешниҳодшуда Нақшаи миллии амал таҳия ва аз ҷониби Ҳукумат қабул карда шуд.

# Дастовардҳои калидии кишвар дар даврai солҳои 2016-2018



# Дастовардҳои калидии кишвар дар даврai солҳои 2016-2018

Тӯли се соли охири 2016-2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд чорабиниҳои муҳим оид ба масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва муҳити зист доир гардид, ки ба равияи фаъолияти СММ дар кишвар таъсир гузошт. Бо рушди воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи ҳафт фоиз ба ҳисоби миёна дар давоми се соли охир ва дар шароити беҳтар гардидани муҳити беруна, болоравии сармоягузорӣ ва барномаҳои давлатии устувор ва фарогир Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди иқтисоди сабз, пойдории сулҳ ва тобоварӣ, ки барои фароҳам овардани шароити мусоид дар кишвар баҳри таъмини имкониятҳои баробар хусусан барои занон ва ҷавонон мусоидат намуд, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Дар солҳои 2016-2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд дастовардҳо ва чорабиниҳои муҳими тақдирсоз дар кишвар дар арсаи байналмилалӣ нақши ниҳоят муҳим бозид. Соли 2016 Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи **Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 (СМР) ва Барномаи миёнамӯҳлати рушд барои солҳои 2016–2020-ро дар радифи ҲРУ** оғоз намуд. Дар стратегия ҳадафҳои стратегии асосии кишвар, аз ҷумла (1) таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи оқилонаи барқ, (2) раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани мамлакат, (3) таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва (4) васеъкунии имконияти шуғли пурмаҳсул муайян гардидааст.

Бо мақсади тезонидани татбиқи ҲРУ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ аввалин шуда дар **Ҳамоиши сиёсии сатҳи баланд, ки соли 2017 дар шаҳри Ню Йорк баргузор гардид, Ҳисоботи миллии ихтиёрии худро оид ба мутобиқати мақсадҳои ҲРУ ба шароити кишвар** муаррифӣ намуда, **Ҳисоботи миллии худро оид ба иҷрои ҲРУ соли 2018** омода намуд.

Кишвар дар пешбурди барномаи глобалӣ дар соҳаи об нақши пешсафи худро давом дод. Соли 2016 СММ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташкил ва баргузории **Симпозиуми сатҳи баланд оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор ва вазифаҳои марбута таҳти унвони "Дастрасии ҳамагон ба об ва санитария"** дастгирӣ намуд. Яке аз натиҷаҳои чорабинии мазкур пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълони солҳои **2018-2028** ҳамчун **Даҳсолаи байналмиллалии амал "Об барои рушди устувор"** буд, ки он баъдтар моҳи декабри соли 2016 бо Қарори Маҷмааи умумии СММ қабул гардида, дар натиҷа моҳи июни соли 2018 **Конфеpенсияи байналмиллалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмиллалии амал "Об барои рушди устувор" барои солҳои 2018-2028** баргузор карда шуд. Ҳадафи асосии баргузории Конфеpенсия баланд бардоштани маълумотнокӣ оид ба татбиқи самараноки ҳадафи шашуми рушди устувор ва дигар ҳадафҳои марбут ба об, инчунин муҳокимаи роҳҳои минбаъдаи татбиқи чорабиниҳои Нақшаи амали Даҳсолаи об барои солҳои 2018-2028 дар сатҳи байналмиллалӣ, минтақавӣ ва миллӣ буд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори фаъоли рӯзномаи глобалӣ оид ба пешгирии экстремизми хушунатомез ва терроризм тавассути тақвияти муколамаи байналмиллалӣ ва мусоидат ба табодули таҷрибаи байни кишварҳо мебошад. Моҳи июни соли 2016 СММ дар якҷоягӣ бо Ҳукумати ҶТ бо мақсади дарки чуқуртар ва дидани чораҳои самараноки пешгирикунанда ҷиҳати муқовимат ба тундгароии ба ифротгароии хушунатомез овардарасонанда дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он **"Вохӯрии коршиносони сатҳи баланд доир ба масъалаҳои ҷустуҷӯи роҳҳалҳо барои пешгирии ифротгароии хушунатомез"** баргузор намуд. Соли 2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон Конфеpенсияи сатҳи баланд таҳти унвони "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез" доир намуд, ки чорабинии мазкур ҳамчун як майдони муҳими муҳокима оид ба ифротгароии хушунатомез мусоидат намуда, ба

ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ироаи паём ва баланд бардоштани савияи маълумотнокӣ оид ба ифротгароии хушунатомез дар байни шаҳрвандони Тоҷикистон ва таъкиди мавқеи Ҳукумати кишвар дар ҷодаи муқовимат бо ташкилотҳои экстремистӣ имконият фароҳам овард.

Соли 2017 бо **барқарорсозии муносибатҳои созанда бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон** хотирмон гардида, чунин рӯйдод имкон фароҳам овард, ки **агрегати аввалини нерӯгоҳи барқи обии (НБО) "Роғун" моҳи ноябри соли 2018 бомуваффақият ба истифода дода шавад.** Ба кор андохтани НБО "Роғун" барои кишвар чорабинии таърихӣ буда, барои ҳамкории минтақавӣ бисёр имкониятҳои иловагиро фароҳам овард ва аз зумраи дастовардҳои бузургтарини миллии кишвар мебошад.

Соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ҳамоиши ИДМ – Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ** баргузор гардида, чорабинии мазкур бо қабули ҳуҷҷат ва қарорҳои стратегии зерин дар таърих сабт гардид: татбиқи Барномаи панҷсолаи байнидавлатӣ оид ба чораҳои муштарак дар ҷодаи муқовимат бо ҷинояткорӣ барои солҳои 2019-2023, Созишномаи ҳамкорӣ байни кишварҳои узви ИДМ дар ҷодаи мубориза бо ҷиноят дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва инчунин ҳамкории сиёсӣ, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва масоили гуманитарӣ ва амният.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори риояи созишномаҳои байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Пас аз пешниҳоди ҳисоботи дуюм оид ба Шарҳи давравии умумӣ (ШДУ) соли 2016 **Ҳукумати кишвар Нақшаи амали миллиро оид ба татбиқи тавсияҳои дар доираи ШДУ пешниҳодгардида,** аз ҷумла шомилшавӣ ба **Конвенсия оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб соли 2018,** тақвияти мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҷиҳати беҳтар намудани масъалаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва бақайдгирии таваллуд бо мақсади беҳтар ҳифз намудани ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва шахсони аз мадди назар дурмонда қабул намуд. Соли 2018 пас аз баррасии ҳисоботҳои сеюм ва панҷуми даврави кишвар аз ҷониби Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак (КҲК) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои хулосаҳои ҷамъбастии КҲК СММ Нақшаи амали миллии кишварро барои солҳои 2018-2020 қабул намуд. Илова бар ин, **бо мақсади татбиқи пурраи тавсияҳои ниҳодҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон** Ҳукумати мамлакат **Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2018-2030** қабул намуда, ҳисоботи шашуми давравии кишварро оид ба пешравиҳо дар ҷодаи татбиқи тавсияҳои марбут ба Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз ирсол намуд.

Зиёда аз ин, якчанд ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ва стратегӣ оид ба баробарии гендерӣ, васеъкунии ҳуқуқу имкониятҳои занону духтарон ва барҳамдиҳии табъиз ба монанди **Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷокунии кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022,** ки ба аз байн бурдани монеаҳо дар роҳи пешбарии занҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда равона карда шудааст, қабул карда шуд. Соли 2018 бо мақсади татбиқи **Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар хонавода", нақшаҳои миллии амал оид ба КБТЗ ва ШДУ** дар сатҳи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Гурӯҳи кории сатҳи баланди байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила (ЗДО)** таъсис дода шуд.

Солҳои тӯлонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи ИДМ яке аз кишварҳое буд, ки маблағгузории барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошт. **Соли 2017 маблағгузории давлатии соҳаи иҷтимоӣ 5.5 фоизи ММД-и кишварро ташкил карда буд, ки бо дарназардошти ин нишондиҳанда СММ ва шарикони рушд барномаву лоиҳаҳоро оид ба тақвият ва замонавикунонии низоми ҳифзи иҷтимоии кишвар** тавассути ҷорисозии барномаҳои кӯмаки унвонии иҷтимоӣ, татбиқи таҷрибавии барнома оид ба дастрасии ҳамагон ба хизматрасониҳои тандурустӣ ва таҳияи модели хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки ба рафъи норасоиҳо нигаронида шудааст, **амалӣ намуданд.**

Дар солҳои охир нишондиҳандаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон боло рафта, иқтисоди кишвар, ки бештар аз ҳисоби содирот, корхонаҳои саноатии давлатӣ, соҳибкории хурду миёна ва бозори миллии истеъмол ташаккул меёбад, аз беҳтаршавии вазъият дар минтақа ва нархи мӯътадили молу маҳсулот баҳраманд гардид. Сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ва барқароршавии тадриҷии воридоти маблағҳои интиқолии муҳоҷирон, ки пешгӯи шуда буд, **ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ аз 31 фоиз дар соли 2016 ба 29.5 фоиз дар соли 2018 имкон дод** ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад дорад дарояндаи миёнамӯҳлат сатҳи камбизоатиро то 20 фоиз дар соли 2020 коҳиш дода, тадриҷан ҳиссаи синфи миёнаро дар шумораи умумии аҳолӣ зиёд намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба талаботи байналмиллалӣ мутобиқ намудани банақшагирии стратегӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ тавассути **қабул кардани Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ (СМПХОТ) барои солҳои 2019-2030,** ки дар асоси афзалиятҳои Барномаи қолабии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ таҳия карда шудааст, қадами муҳиме ба пеш монд. Ҳуҷҷати мазкур, ки сиёсати миллиро муайян мекунад, дар асоси сабақҳои аз татбиқи барномаҳои стратегии пешина омӯхташуда таҳия карда шудааст.

# Дастовардҳои асосии миллӣ дар солҳои 2016-2018






Қабули Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 (СМР) ва Барномаи миёнӯҳлати рушд барои солҳои 2016-2020 дар мувофиқа бо ҲРУ

**31%** дар соли 2016

**29,5%** дар соли 2018

СММ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз 31% дар соли 2016 ба 29.5 фоиз дар соли 2018 дастгирӣ намуд.





Барқарорсозии муносибатҳо байни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон сабукии солҳои тӯлонӣ интизорбударо ба бор овард ва барои бомуваффақият ба истифода додани агрегати якуми Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" моҳи ноябри соли 2018 мусоидат намуд.



Соли 2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез" баргузор намуд.

FRAMING DEVELOPMENT SOLUTIONS FOR THE PREVENTION OF VIOLENT EXTREMISM DUSHANBE 2016

Соли 2016 СММ дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати ҶТ "Вохӯрии коршиносони сатҳи баланд доир ба щалли масоили пешгирии ифротгароии хушунатомез"-ро баргузор намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ якумин шуда соли 2017 Ҳисоботи милли ихтиёрии кишварро оид ба ҷараёни милликунонии ҲРУ дар Форуми сиёсии сатҳи баланд дар шаҳри Ню Йорк муаррифӣ намуд ва соли 2018 Ҳисоботи миллии кишварро оид ба татбиқи ҲРУ таҳия намуд.

**ФОРУМИ СИЁСИИ САТҲИ БАЛАНД ОИД БА РУШДИ УСТУВОР**

- Симпозиуми сатҳи баланд оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор ва вазифаҳои марбута таҳти унвони "Дастрасии ҳамагон ба об ва санитария" соли 2016.
- Даҳсолаи байналмиллалии амал "Об барои рушди устувор" барои солҳои 2018-2028 бо Қарори Маҷмааи умумии СММ моҳи декабри соли 2016 қабул гардид.
- Баргузории Конференсияи байналмиллалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмиллалии амал "Об барои рушди устувор" барои солҳои 2018-2028 дар соли 2018.

WATER ACTION DECADE 2018-2028

Соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамоиши ИДМ – Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ баргузор гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи милли оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ (СМПХОТ) барои солҳои 2019-2030, ки дар асоси афзалиятҳои Барномаи қолабии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ таҳия карда шудааст, қабул намуд.

Sendai Framework for Disaster Risk Reduction 2015 - 2030

# Дастовардҳои Барномаи ЮНДАФ аз рӯи натиҷаҳои ниҳоии он



# Идоракунии демократӣ, волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон

**Натиҷаи 1**









*Ҳуқуқҳои мардуми Тоҷикистон ҳифз мешаванд ва мардум аз дастрасии беҳтар ба адолати судӣ ва хизматҳои босифате, ки аз ҷониби муассисаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар ҳамаи сатҳҳо ба таври шаффоф, масъулиятнок ва бо таваҷҷӯҳ ба масоили гендерӣ расонида мешаванд, бархурдор мегарданд.*

Натиҷаи ниҳоии 1

**Сохторҳои саҳмгузор: БРСММ, ХНСММ, ДКОҲИ, ДКОСММГ, ФАО, ЮНИСЕФ, Сохтори СММ оид ба масоили занон, ДСМММНҶ, КИСММА, ММСММДПОМ, ЮНЕСКО**

# ҲУҚУҚИ ИНСОН



- Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи татбиқи тавсияҳои ниҳодҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар қатори дигар корҳо тавассути қабули нақшаҳои амал оид ба ШДУ, КҲК ва Конвенсия дар бораи барҳам додани табъизи нажодӣ (КБТН) барои давраи то соли 2020 қадамҳои ҷиддӣ гузошт.
- Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия дар бораи ҳуқуқи шахсони маъюб (КҲШМ)-ро ба имзо расонида, ҷонибдории худро ҷиҳати ба тасвиб расонидани Конвенсияи мазкур ва инчунин Протоколи дуюми Паймони байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ изҳор намуд.
- Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи Қонун оид ба шаҳрвандӣ аз соли 2015 ду санади ҳуқуқиро қабул намуда, ба Қонуни ҶТ “Дар бораи ваколатдори ҳуқуқи инсон” тағйиру иловаҳо ворид намуд.

# ИСЛОҲОТИ СУДИВУ ҲУҚУҚӢ



- Бо мақсади васеъ намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва рушди нерӯи низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ва Барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 қабул карда шуд.
- Бо Қарори Президенти кишвар Консепсияи кӯмаки ҳуқуқӣ қабул гардида, татбиқи он бомуваффақият оғоз шуд, ки дар натиҷаи он дар солҳои 2016-2018 ба зиёда аз 17,000 шахсони ниёзманд, аз ҷумла занон ва шахсони маъюб кӯмак ва хизматҳои ройгони ҳуқуқӣ расонида шуд.
- Дар натиҷаи қабули Нақшаи миллии амал оид ба ислоҳоти низоми адлияи ноболиғон барои давраи то соли 2021 зиёда аз 313 нафар ноболиғон ва ҷавонон аз низоми ҷазои ҷиноятӣ ба марказҳои барқарорсозӣ гузаронида шуданд.

# САБТИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ



- Соли 2016 СММ якҷоя бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорисозии тадриҷии низоми электронии сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро дар миқёси кишвар оғоз намуд. Ташаббуси мазкур дар доираи ислоҳоти васеи низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки ба фарогирӣ ва ҳифзи ҳуқуқи занҳо, кӯдакон ва дигар гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ равона карда шудааст, ба роҳ монда шуд. Бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо дар доираи низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ модели “Равзанаи ягона” бомуваффақият ҷорӣ карда шуда, дар яке аз идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба таври таҷрибавӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

# ИДОРАКУНИИ САРҲАД ВА АМНИЯТ



- Масоили амнияти миллӣ ва идоракунии ҳамаҷонибаи сарҳад тавассути беҳтар намудани инфрасохтор (сохтмон ва таҷҳизонидани ду нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ ва як маркази омӯзишӣ) тақвият дода шуд. Зиёда аз 1000 нафар афсарони қӯшунҳои сарҳадӣ ва кормандони гумрук, аз ҷумла 130 нафар афсарон аз ҳисоби занҳо донишу малакаи худро оид ба идоракунии сарҳад ва гумрук такмил дода, дар амал истифода бурда истодаанд.
- Соли 2018 якумин маротиба машғулиятҳои омодагӣ барои эътино ба ҳолатҳои фавқулодда бо гурезагон бо иштироки 250 нафар мутахассисон оид ба ҳолатҳои фавқулодда аз сохторҳои давлатӣ, сохторҳои СММ, ташкилотҳои байналмиллалӣ ва маҳаллӣ гузаронида шуд, ки он барои баланд бардоштани сатҳу сифати банақшагирӣ дар ҳолатҳои ғайричашмдошт ва омодабошии кишвар ба ҳолатҳои фавқулодда бо гурезагон кӯмак расонид.



# Рушди иқтисодии устувор ва одилона

## Натиҷаи 2



*Мардуми Тоҷикистон аз рушди устувор ва одилонаи иқтисодӣ тавассути истифодаи муносиб ва самараноки захираҳои меҳнатӣ; таъмини усутвори қувваи барқ; дастрасии беҳтар ба донишҳои махсус ва иноватсионӣ ва фазои бозам мусоиди соҳибкорӣ, алалхусус барои соҳибкорон ва кишоварзон баҳраманд мегарданд.*

Натиҷаи ниҳоии 2

**Сохторҳои саҳмгузор: ФАО, БРСММ, Сохтори СММ оид ба масоили занон, ТБМ, ДКОСММГ, КИСММА, ЮНЕСКО, ДСММММНҶ**

## ЗАМИНАИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАКМИЛДОДАШУДА

- ҲҶТ бо дастгирии СММ соли 2017 дар Форуми сиёсии сатҳи баланди ШИИСММ Ҳисоботи якуми миллии ихтиёрии кишварро муаррифӣ намуд ва соли 2018 Ҳисоботи якуми миллии кишварро оид ба татбиқи ҲРУ таҳия намуда, бо ҳамин иродаи қавӣ ва ҷонибдории худро дар ҷодаи мутобиқсозии афзалиятҳои рушди миллӣ бо ҲРУ то соли 2030 собит намуд.
- Сиёсату стратегияҳои рушди миллӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии ҶТ барои солҳои 2016-2020 ва барномаҳои миёнамӯҳлати рушди вилоятҳо ва ноҳияҳо бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мукаммал гардонида шуд.

## ВАСЕЪ НАМУДАНИ САРЧАШМАҲОИ ДАРОМАД ВА ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

- Дар умум 282 872 нафар (аз ҷумла 52% занон) ба шарофати дастрасии беҳтар ба малакаҳои барои шуғл зарурӣ, технологияҳои кишоварзӣ, инфрасохтор, хизматрасониҳо ва қарзҳои хурд барои рушди соҳибкорӣ аз лоиҳаҳо оид ба беҳтар намудани инфрасохтори иҷтимоиву иқтисодӣ баҳра бурда, инчунин имкониятҳои худро барои пайдо намудани сарчашмаи даромад барои зиндагӣ васеъ намуданд.
- Кӯмаки машваратӣ ба 355 соҳибкорони хурду миёна ва деҳқонон, грантҳои хурд ба 32 ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва қарзҳои дорои фоизи паст ба 1209 соҳибкорони инфиродӣ имконият дод, ки 30 315 нафар, ки 48 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳанд, сарчашмаҳои даромади худро васеъ намоянд.
- Нақшаи миллии амал оид ба рушди кишоварзӣ ва саноати кишоварзӣ дар таҳрири нав ба беҳтар намудани дастрасии деҳқонони тоҷик (ба 14.8 тонна тухмиҳои баландсифати зироатҳои алтернативӣ дар соли 2017) ва тақсими 63.4 тонна навъҳои нави гандум оварда расонид. Зиёда аз 843 нафар деҳқонон ва мутахассисони соҳаи кишоварзӣ соли 2018 дар омӯзишҳо оид ба усули пешқадами фаъолияти кишоварзӣ иштирок карданд.
- Дар натиҷаи дидани чораҳои зарурӣ оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва соҳибкории хурд дар умум барои 2709 нафар, ки 67 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳанд, ҷойҳои кории доимӣ ташкил карда шуда, 221 ҷойҳои нави корӣ тавассути чорабиниҳо оид ба идоракунии захираҳои табиӣ (ИЗТ) дар солҳои 2017-2018 ташкил карда шуд.

## ДАСТРАСӢ БА НЕРУИ БАРҚИ АРЗОН ВА БОСУБОТ ДАР ДЕҲОТ

- Ба шарофати зиёд шудани иқтидори истеҳсоли барқ аз ҳисоби сарчашмаҳои бозтавлидшаванда дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар натиҷаи таъсиси Маркази миллии сарчашмаҳои бозтавлидшаванда ва сарфакории нерӯъ мардуми ҶТ аз технологияҳои каммасраф баҳрапанд гардид.
- Дар натиҷаи сохтмон ва ба истифода додани ҳафт нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ки дар онҳо дар як сол 5 миллион киловат/соат барқ истеҳсол гардида, ба 735000 хонавода мустақиман хизмат мекунанд, дастрасии 15 000 нафар дар деҳот, ки 50 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳанд, ба сарчашмаҳои бозтавлидшавандаи барқ беҳтар гардид. Ҳашт мактаб (бо 1650 нафар хонанда, аз ҷумла 724 нафар духтарон), чор маркази тиббӣ (онҳо ба 3207 нафар, аз ҷумла 1812 нафар занон хизмат мерасонанд) ва се иншооти обёрикунӣ ба нерӯгоҳҳои барқи обии хурди сохташуда пайваст карда шудаанд.



# Рушди иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ)

## Натиҷаи 3



*Мардуми Тоҷикистон аз низомҳои босифат, одилона ва фарогири тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ манфиат мебаранд.*

Натиҷаи ниҳоии 3

**Сохторҳои саҳмгузор: ЮНИСЕФ, ТУТ, БУО, БРСММ, ХНСММ, ТБМ, ДКОСММГ, ЮНЭЙДС, ЮНЕСКО**

# ТАНДУРУСТӢ

- Ҳукумати кишвар дар таҳия ва қабули як қатор ҳуҷҷатҳои сиёсиву ҳуқуқии миллӣ, аз ҷумла: Кодекси тандурустии ҶТ, Қонуни ҶТ "Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку", Барномаи миллии мубориза бо ВНМО барои давраи то соли 2020, Барномаи миллии тавонбахшии шахсони маъюб барои солҳои 2017-2020 ва нақшаҳои амали бисёрсоҳавии ба стандартҳои байналмиллалӣ мутобиқкардашуда ва Нақшаи амали миллии бисёрсоҳавӣ оид ба мубориза бо устуворӣ ба доруҳои зиддимикробӣ дар ҶТ барои солҳои 2018-2022 аз ҷониби СММ дар ҶТ дастгирӣ карда шуд.
- Бо мақсади беҳтар намудани фаъолият ва зиёд кардани маблағгузории низоми тандурустӣ Нақшаи амали стратегии миллии саломатии репродуктивӣ, солимии модар, кӯдак ва наврасон ва Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ барои солҳои 2019-2022 қабул карда шуд.
- Тақрибан 90 000 занони ҳомиладор дар минтақаҳои аз ҳама камбизоат бо дастурамал оид ба саломатии модару кӯдак шинос карда шуданд, ки дар натиҷа барои баланд бардоштани савияи маълумотнокӣ ва дарки арзиши хизматрасониҳо оид ба саломатии модару кӯдак ва масъалаи ғизо, инчунин барои ба роҳ мондани муколама ва боварӣ байни мутахассисони нигоҳубинкунанда ва кормандони тиб мусоидат карда, ҳамин тариқ ҷиҳати беҳтар намудани шароити танлурустӣ ва ғизои модарону фарзандони онҳо саҳми худро гузошт.
- Бо мақсади таъмини дастрасии ҳамаи занони ҳомиладори мубталои бемории ВНМО ба табобати зиддиретровирусӣ сиёсати миллӣ оид ба барҳам додани ҳолатҳои интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак, хусусан дар ҷодаи назорати ҳолатҳои алоҳидаи сирояти ВНМО дар байни кӯдакон такмил дода шуд. Шумораи кӯдакони мубталои бемории ВНМО, ки ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ дастрасӣ доранд, аз 63 фоиз дар соли 2015 ба 75 фоиз дар соли 2018 зиёд гардид.
- Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар ҶТ, ки дар он ба саломатии рӯҳии наврасон эътибор дода мешавад, дар 220 мактаб татбиқ гардида, аз он 88 000 нафар хонандагон мустақиман баҳра бардоштанд.

# МАОРИФ

- Барномаи таълимӣ дар асоси салоҳият таҳия гардидааст. Дар соли 2018 тақрибан 4 971 (аз ҷумла 2 393 нафар духтарон) кӯдакону наврасон дар панҷ ноҳия аз барномаи рушди малакаҳо, ки ба роҳҳои навоварона ба монанди ҳаллу фасли мушкилот, эъҷодкорӣ, худидоракунӣ ва инчунин малакаҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ ва имкониятҳои шуғл дар муҳити расмӣ ва ғайрирасмӣ бархурдор гардиданд.
- Аз соли 2016 инҷониб фарогирии кӯдакони маъюб бо таҳсилоти расмӣ ҳамасола ба 7 фоиз зиёд гардид (шумораи онҳо соли 2018 зиёда аз 7 515 нафарро ташкил дод). Барномаи миллии омодасозии омӯзгорон аз рӯи принсипи таҳсилоти фарогир таҳия гардида, дар чор донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҷорӣ карда шуд.
- Зиёда аз 43 000 кӯдакони синни 3-6 сола ба барномаҳои таҳсилоти алтернативӣ дар марҳалаи аввали овони кӯдакӣ бо забонҳои гуногун (тоҷикӣ, қирғизӣ ва ӯзбекӣ) дастрасӣ пайдо намуданд, ки ин дар навбати худ ба муттаҳидии иҷтимоии онҳо дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ мусоидат мекунад.
- Барномаи роҳнамо (харитаи роҳ) оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои давраи то соли 2020 қабул гардида, дар натиҷаи татбиқи он тавассути омӯзишҳо, чорабиниҳои тарғиботӣ ва маъракаҳои иттилоотӣ дар 195 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ иқтидори омӯзгорон баланд бардошта шуд.
- Дар натиҷаи тадқиқоти заминавӣ дар байни наврасон, ки соли 2018 гузаронида шуд, оид ба омилҳои монеъкунандаи дастрасӣ ба таҳсилоти миёнаи ибтидоӣ ва таҳлили байнисоҳавии марбут ба таҳсилот, тандурустӣ ва некӯаҳволӣ, муҳофизат ва иштироки наврасон маълумот ба даст оварда шуд.

# ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ

- Вариантҳои тақвият ва вусъати низоми мавҷудаи ҳифзи иҷтимоӣ тавассути муколамаи миллӣ дар асоси баҳодиҳӣ мутобиқи нишондиҳандаҳои Ташаббуси СММ оид ба таъмини сатҳи минималии ҳифзи иҷтимоӣ таҳия карда шуданд.
- СММ тавассути ҷорӣ намудани методологияи нави баҳодиҳии сатҳи камбизоатӣ дар байни кӯдакон бо истифода аз маълумоти дар доираи Тадқиқоти буҷети хонавода бадастовардашуда ҷиҳати дигар кардани тарзи муносибати кишвар ба мониторинги сатҳи камбизоатӣ таъсир расонид. Дар натиҷа Агентии омори ҶТ ҷиҳати гузаронидани мониторинги доимии камбизоатӣ дар байни кӯдакон ва таҳияи ҳисоботи шашмоҳа ӯҳдадорӣ қабул намуд.
- Тавассути татбиқи Барномаи миллии ғизои мактабӣ ба 410 000 нафар хонандагони синфҳои ибтидоӣ хӯрок пешниҳод карда шуд.

# Амнияти озуқаворӣ ва ғизо

## Натиҷаи 4




***Вазъи ғизои мардуми Тоҷикистон тавассути дастрасии беҳтар ба ғизои кофӣ, муносиб ва бехатар; таҷрибаҳои пешқадами ғизодиҳии кӯдакон; хизматрасониҳои беҳтари обтаъминкунӣ ва беҳдоштӣ ва дастрасӣ ба хизматҳои босифати тиббӣ беҳтар мегардад.***

Натиҷаи ниҳоии 4

**Сохторҳои саҳмгузор: БУО, БРСММ, ЮНИСЕФ, ТУТ, ФАО**

# АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ҒИЗО



- СММ дар ҳамоҳангӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ оид ба Ташаббуси “Васеъкунии дастрасӣ ба ғизо”-ро ҳамчун ниҳод таъсис дода, бо мақсади васеъ намудани чорабиниҳо оид ба ҳалли масоили норасоии ғизо дар байни тифлон, кӯдакон ва модарон Нақшаи умумии натиҷаҳоро оид ба масъалаи ғизо таҳия намуданд.
- Моҳи январи соли 2018 Ҳукумати кишвар варианти нави протоколи назорати ҳамаҷонибаи норасоии шадиди ғизоро таҳия ва тасдиқ намуда, пас аз он зиёда аз 450 нафар кормандони соҳаи тандурустӣ дар миқёси кишвар оид ба истифодаи ҳуҷҷати мазкур омӯзонида шуд. Дар натиҷаи баланд бардоштани нерӯи кормандони тиб ва фаъолона муайян намудани ҳолатҳои норасоии ғизо танҳо дар чоряки ҳои дуюм ва сеюми соли 2018 шумораи кӯдакони аз норасоии ҷиддӣ ва шадиди ғизо азияткашидаистодаи қабулгардида ба 51 фоиз зиёд гардида, зиёда аз 10 000 нафар кӯдакон бо табобат фаро гирифта шуданд.
- Варианти ниҳоии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда”, ки мутобиқи талаботи он як қатор маҳсулоти хӯроквори, аз ҷумла орд, равған ва намак бояд ғанӣ гардонида шавад, таҳия гардида, ба Парлумон барои баррасӣ пешниҳод карда шуд.
- СММ Ҳукумати кишварро дар таъмини занҳои ҳомиладор ва ширмакон ва кӯдакони то панҷсола бо микроэлементҳои серғизо (витамини А, кислотаи оҳану фолий, спринклҳо) дастгирӣ намуд. Дар солҳои 2016-2018 дар доираи Барномаи таъминот бо витамини А 98 фоизи кӯдакони аз 6 то 59 моҳа фаро гирифта шуд. Зиёда аз ин, тақрибан 100 000 нафар занони ҳомиладор дар 35 ноҳия бо ҳаб (таблетка)-ҳои дар таркибаш кислотаи оҳану фолий мавҷудбуда дар ҷараёни ғамхории антенаталӣ (давраи ҳомиладорӣ) дар сатҳи КАТС таъмин карда шуд.





# Ҳамгирой ва васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ

## Натиҷаи 5









***Занон, ҷавонон, кӯдакон, одамони маъюб ва дигар гурӯҳҳои осебпазир аз ҳама гуна зӯровариҳо ва табъизу фарқгузориҳо ҳифз гардида, фикру ақидаҳои онҳо ба инобат гирифта шуда, ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи ҷомеа мавриди эҳтиром қарор мегиранд.***

Натиҷаи ниҳоии 5

**Сохторҳои саҳмгузор: Сохтори СММ оид ба масоили занон, БРСММ, ХНСММ, ДКОСММГ, ТБМ, ЮНИСЕФ, ДКОСММҲИ, ТУТ**

# ҲАМГИРОСОЗӢ ВА ВАСЕЪКУНИИ ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ГУРӮҲҲОИ ОСЕБПАЗИР



- Ҳукумати кишвар бо мақсади пешниҳоди хизматрасониҳо бо дарназардошти ҷабҳаҳои гендерӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (ЗДО) қоидаҳои ба стандартҳои байналмиллалӣ ҷавобгӯи фаъолиятро дар соҳаи тандурустӣ қабул намуд. Кормандони 30 муассисаи кӯмаки аввалияи тиббиву санитарӣ ва 8 ҳуҷраҳои кӯмак ба ҷабрдидагон дониши худро сайқал дода, ҳар сол ба 140 нафар ҷабрдидагони зӯроварӣ хизмат расониданд.
- Гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ аз қабул ва татбиқи барномаву нақшаҳои миллӣ, аз ҷумла Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023, Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷокунии кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022, Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2017 баҳраманд гардиданд.
- Як қатор чораҳои муҳими зерин оид ба ҳалли масоили вобаста ба ВНМО ва табъиз дар асоси он таҳия ва амалӣ карда шуд: Нақшаи миллӣ оид ба паст кардани сатҳи тамғагузорӣ ва табъиз дар асоси ВНМО нисбати гурӯҳи зери хатар, Харитаи роҳ оид ба муносибати ҳамаҷониба ба хизматрасониҳо дар ҷодаи ВНМО/САҶИ/СР дар байни ШРХШ ва ММА, Тавсияҳои фарогир оид ба пешгирии ВНМО дар байни гурӯҳи зери хатар аз ҳисоби ҷавонон (дастаи маводҳо барои ГЗХҶ) дар кишвар тасдиқ ва тақсим карда шуд.
- Бо мақсади таъмини татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила”, Нақшаи амал оид ба КБТЗ ва ШДУ Платформаи сатҳи баланд оид ба ҳамкории байниидоравӣ дар ҷодаи пешгирии ЗДО таъсис дода шуд. Илова ба ин, зиёда аз 4000 занону духтарони ҷавон аз хизматрасониҳои баландсифати тиббӣ ва ҳуқуқии коршиносони баландихтисос, аз ҷумла духтурон, ҳуқуқшиносон ва мутахассисони масоили ҳуқуқи инсон баҳраманд гардиданд.
- Ҳафт ҳазор намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва аъзои ҷомеа, аз ҷумла ҷавонон, наврасон, занону мардони маъюб ва бидуни маъюбият малакаҳои тарғиби ҳамгироии иҷтимоиро аз худ намуда, дар бораи ҳамгироии иҷтимоии шахсони маъюб, хусусан кӯдакон ва занони маъюб дониши худро сайқал доданд. Зиёда аз се миллион нафар дар маъракаҳои васеъ оид ба тарғиби ҳуқуқҳои шахсони маъюб, хусусан кӯдакон ва занони маъюб ба воситаи ВАО фаро гирифта шуданд.
- Донишу малакаи тақрибан 3000 наврасону ҷавонон аз ноҳияҳои наздисарҳадӣ баланд бардошта шуда, иқтидори онҳо дар масоили иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеаҳои худ ва дар ҷараёни қабули қарорҳо дар сатҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, инчунин саҳмгузорӣ дар таъмини муттаҳидии ҷамъият ва муносибатҳои сулҳпарваронаи байни ҷомеаҳо тақвият дода шуд.



# Тобоварӣ ва устувории экологӣ

## Натиҷаи 6














***Мардуми Тоҷикистон ба офатҳои табиӣ ва техногенӣ бештар тобовар ҳастанд ва аз сиёсати такмилгардида ва чорчӯбаҳои амалиётӣ барои ҳифзи муҳити зист ва идоракунии захираҳои табиӣ манфиат мебаранд.***

Натиҷаи ниҳоии 6

**Сохторҳои саҳмгузор: БРСММ, БУО, ФАО, КИСММЕ, ЮНЕСКО, ХНСММ, ДКОСММГ, ЮНИСЕФ, ДСММТЛ, ММСММДПОМ, ТУТ, ДСММҲКБ**

# ТОБОВАРӢ ВА УСТУВОРИИ ЭКОЛОГӢ



- Дар солҳои 2016-2018 СММ дар ҷодаи эътино ба ҳолатҳои фавқулодда ҳангоми нӯҳ офатҳои табиии бузургҳаҷм тавассути татбиқи чораҳои эътиноии ниҳоят муҳим дар соҳаҳои маориф, об, санитария ва тозагӣ, тандурустӣ ва кӯмаки равониву иҷтимоӣ ба 15 556 нафар ҷабрдидагон, аз ҷумла 8 226 нафар кӯдакон нақши ҳаётан муҳим бозид.
- СММ Ҳукумати кишварро дар ҷодаи ҷонноккунии корҳо оид ба эмкунӣ ҷиҳати мубориза бо авҷи бемориҳои сурхча ва гулафшон моҳи апрели соли 2017 дастгирӣ намуд. Ба ҳамаи кӯдакони то нӯҳсола (1.9 миллион) новобаста аз ҳолати эмкуниашон дар муассисаҳои тандурустӣ ва тавассути ташкили маъракаҳои сайёри эмкунӣ дар ҷойҳо ваксина аз бемориҳои сурхча ва гулафшон гузаронида шуд.



- Солҳои 2017-2018 135 147 нафар (аз ҷумла 78 198 занон, ки 78 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳанд) дар 12 ноҳияҳои бештар осебпазир аз лоиҳаҳо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим баҳраманд гардиданд. Ҷомеаҳои маҳаллӣ (12 119 нафар дар умум, аз ҷумла 5 520 нафар занон) аз корҳо оид ба нигоҳдорӣ, рушд ва истифодаи босуботи захираҳои табиӣ ба монанди барқарорсозии чарогоҳу ҷангалзор, инчунин имкониятҳои шуғл ба сифати назоратчиёни ҷамъиятӣ, посбонҳо ва роҳбаладҳо ва чорабиниҳо оид ба тарғибу ташвиқ нафъ бардоштанд.
- Мардуми Тоҷикистон аз қабул ва такмили як қатор қонуну стратегияҳои зерин баҳра бурданд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов”, ки соли 2018 дар таҳрири нав қабул гардид, таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ оид ба мониторинги муҳити зист бо мақсади беҳтар намудани идоракунии захираҳои табиӣ, қабули Стратегияи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 дар асоси Барномаи қолабии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 ва ҲРУ, ки дар натиҷаи он низоми идоракунии маълумот оид ба муҳити зист таъсис дода шуда, Низоми ягонаи давлатӣ оид ба омодагӣ ва эътино мукаммал гардонида шуд, баланд бардоштани иқтидори сохторҳои давлатӣ дар ҷодаи бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ ҷиҳати дар давоми сол кушода ва фаъол нигоҳ доштани тамоми роҳҳои асосӣ, ки ҳар сол ба тақрибан 1.9 миллион истифодабарандагон хизмат мерасонанд.
- СММ таҳияи Роҳнамо оид ба идоракунии ҳолатҳои обхезиро бо мақсади (а) баланд бардоштани сатҳи огоҳнокии ташкилотҳои дахлдори ҳавзаи дарёҳо оид ба идоракунии хавфҳои марбут ба об дар сатҳи ҳавзаҳои обтақсимкунӣ ва поёни онҳо, (б) таъмини идоракунии якҷояи хавфҳои марбут ба об дар сатҳи маҳал ва ТХД-ҳо дастгирӣ намуд.
- Дар давоми солҳои 2016-2018 СММ бо мақсади тадриҷан супоридани Барномаи дастгирии амалиёти зидди минаҳо ба сохтори миллӣ, яъне Маркази миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи минаҳо чораҳои заруриро амалӣ намуд. Дастгирии тӯлонии СММ ҷиҳати нигоҳ доштани аҳамияти амалиёти зидди минаҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ кӯмак намуда, ба ҷалби маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур мусоидат намуд.

13 CLIMATE ACTION
15 LIFE ON LAND

# Ҳикояҳои воқеии баҳрабарандагон



# КАСЕ ДАР КАНОР НАМЕМОНАД: АЗ ҚАДПАСТӢ ТО ИНКИШОФИ СОЛИМ



*Ташхиси Муҳаммади 8 моҳа муайян кард, ки ӯ гирифтори бемории норасоии шадиди ғизо мебошад.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз паст гардидани нишондиҳандаҳои фавти кӯдак ва пешравии назаррас дар масъалаи ғизои кӯдакон дар умум, норасоии ғизо ҳамчун як мушкилоти ниҳоят муҳими нигаронкунандаи соҳаи тандурустӣ боқӣ мемонад.

Дар яке аз нуқтаҳои кӯмаки аввалияи тиббиву санитарии кишвар ташхиси Муҳаммади ҳаштмоҳа муайян кард, ки ӯ гирифтори бемории норасоии шадиди ғизо мебошад. Муҳаммадро ба нуқтаи тиббӣ модараш, ки барои табобати фарзанди бемори худ бо ноумедӣ дар ҷустуҷӯи кӯмак буд, овард. Падари Муҳаммад дар Руссия ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ фаъолият дошта, ягона нонёби оила мебошад. Оилаи мазкур ягон даромади мӯътадил надошт ва барои ҳамин имкони тановули хӯроки серғизо набуд.

Пас аз ташхиси кӯдак модараш ва бибиашро ба беморхонаи ноҳия барои бистарикунонӣ бо мақсади табобати норасоии шадиди ғизо равон карданд. Пас аз як моҳи табобат бо ғизои табобатӣ ҳолати ӯ беҳтар гардида, ӯро ба нуқтаи кӯмаки аввалияи тиббиву санитарӣ барои табобати сатҳи миёнаи норасоии шадиди ғизо фиристоданд. Ҳангоми ҳар як ташрифи ҳафтаина оид ба санҷиши саломатӣ ба ӯ дар намуди хӯрокаи омехтаи ғанигардонидашуда кӯмак расонида мешуд ва пас аз се моҳи кӯмак Муҳаммад пурра сиҳат ёфта, иштироки ӯ дар Барнома қатъ гардид. То имрӯз бо назар ба Муҳаммади солим, хушбахт ва рушдёфтаистода боварии кас намеояд, ки кӯдак якчанд моҳ қабл дар чунин ҳолати вазнин қарор дошт.

Протоколи миллӣ оид ба назорати ҳамаҷонибаи вазъияти норасоии шадиди ғизо (НҲНШҒ) барномаест, ки ба васеъ намудани дастрасии кӯдакон ба табобат аз норасоии шадиди ғизо равона карда шуда, аз соли 2015 инҷониб бо дастгирии СММ (ЮНИСЕФ, БУО ва ТУТ) аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ татбиқ мегардад.

# ЗАНИ ИМКОНИЯТҲОЯШ ВАСЕЪГАРДОНИДАШУДА ИМКОНИЯТҲОИ ҶОМЕАИ ХУДРО ВАСЕЪ МЕКУНАД



*“То охирин лаҳзаҳо ман дар ҳарос будам; Ман то ҳатто дар оина ба худам нигоҳ карда наметавонистам. Ниҳоят одат кардам. Бисёр одамон: духтурон, ҳамшираҳо, ҳамкорон, дигар хешовандон ба ман кӯмак карданд то ман ин мусибатро паси сар намоям. Дар лаҳзаҳои ноумедии калон ман ба фарзандони худ назар афканда ба худ гуфтам, ки ман бояд ақаллан барои онҳо зиндагӣ кунам. Охир маҳз фарзандонам маро ба оғози марҳалаи нав дар ҳаётам ҳавасманд намуданд. Ҳамеша аз пул танқисӣ мекашидам. Зиёда аз ин аксаран модари танҳо ва шахси маъюб ҳатто кор пайдо карда наметавонад. Новобаста аз чунин ҳолат ман хуб медонистам, ки чи мехоҳам. Ман ба хотири фарзандонам ба ҳама кор омода будам, то онҳо соҳибмаълумот гардида хушбахт шаванд”.*

*“Ёфтани кор осон набуд. На ҳамаи корфармоён хоҳиши ба кор қабул кардани шахси маъюбро доранд. Аммо ман ноумед нашудам ва собитқадамона кор мекофтам. Ман ба кори иҷтимоӣ шавқу ҳавас доштам ва ба монеаҳо нигоҳ накарда кӯшиш мекардам бо одамон дар ҳар як имконияти муносиб ҳамсӯҳбату ҳамкор шавам” – мегӯяд Гулбаҳор Маҷидова.*

Гулбаҳор Маҷидова дар як корхонаи пахтатозакунӣ дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлони ҶТ кор мекард. Зани лабонаш пур аз табассум, кушодчеҳра ва хушчақчақ ҳаёти дигаронро бо хурсандиву хушбахтӣ пурра мегардонад. Рӯзе як ҳодисаи фоҷеаовар рух дод: Гулбаҳор ҳангоми истифодаи яке аз дастгоҳҳои пахтатозакунӣ аз дасти чапи худ маҳрум гашт. Агар кас ба ӯ назар афканад, бовар намекунад, ки яке аз рӯзҳои корӣ дар корхона барои Гулбаҳор бо як маъюбии ҷиддие хотима ёфт ва ин зан парастори ягонаи се фарзандаш мебошад.

Далерӣ ва ҷуръат баҳри давом додани зиндагӣ ба хотири фарзандон Гулбаҳорро ба як барномаи омӯзишие барои роҳбарони маҳаллӣ овард, ки ин барнома аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии “Гендер ва тараққиёт” ҳамчун шарики татбиқкунандаи лоиҳаҳои СММ дар ҶТ амалӣ мегардид.[1]

Пас аз иштирок дар омӯзиш ӯро ҳамчун раиси Кумитаи занҳои маҳалла интихоб намуданд. Роҳбарони маҳаллӣ гурӯҳҳои аз ҳама осебпазири дарканормондаи ҷомеаро дар деҳот аз маҳаллаҳои дурдаст дар ҷойҳо муайян намуда, онҳоро оид ба аҳамияти ақди никоҳ ва тартиби бақайдгирии он, инчунин оид ба оқибатҳои никоҳ, таваллуд, фавти бақайдгирифтанашуда, ба имзо нарасонидани шартномаи ақди никоҳ ва дигар масъалаҳо меомӯзонанд. Ба роҳбарони маҳаллӣ як маоши рамзӣ пардохт карда мешавад, аммо ҳисси эътироф гардидан аз ҷониби мардум ва зарурати худ ба ҷомеа арзиш надорад.

Ба шарофати ҳавасмандии Гулбаҳор гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, бахусус модарони серфарзанд, занҳои хонашин, кӯдакон ва шахсони маъюб, онҳое, ки ҳаракат карда наметавонанд ва ба ҷомеа пурра ҳамгиро нашудаанд, оид ба аҳамияти бақайдгирии саривақтии асноди ҳолати шаҳрвандӣ омӯзонида шуданд. Бисёрии онҳо аз машваратҳои ҳуқуқӣ баҳраманд гардиданд; ба онҳое, ки аз ҷониби Гулбаҳор ба идораҳои САҲШ равон карда шуданд, бенавбат ва бидуни интизорӣ дар навбати қатори калони одамон хизмат расонида мешуд. То имрӯз Гулбаҳор ва дигар роҳбарони маҳаллӣ бо идораи сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ дар ш. Бохтар муносибати қавӣ ба роҳ монданд, ки ба онҳо барои фаъолият дар ҳамкории наздик ва дастгирии васеи гурӯҳҳои аз ҳама осебпазир имконияти худ фароҳам овард. Гулбаҳор ба оянда умеди калон дошта, дар айни ҳол ҳамчун як намуна дар байни роҳбарони маҳаллӣ ва аъзои ҷомеаи маҳаллӣ кору зиндагии худро давом дода истодааст, зеро ӯ ҳар рӯзу ҳар соат барои ба даст овардани мақсадҳои худ ва кӯмак ба дигарон кӯшиш мекунад.



*Акс аз рафти Барномаи омӯзишӣ барои роҳбарони маҳаллӣ. Гулбаҳор Маҷидова дар марказ*

[1] *Барномаи омӯзиши сарварони маҳаллӣ бо дастгирии Лоиҳаи “Дастгирии ислоҳоти низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки аз ҷониби Намояндагии Дафтари Швейтсария оид рушд ва ҳамкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ шуда, аз ҷониби БРСММ, Сохтори СММ оид ба масоили занон ва ХНСММ дар шарикӣ бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, ташкил гардидааст.*

# ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ 2016-2018




* Буҷа ва хароҷот 2016-2018

# Ташкилотҳои шарик ва саҳмгузори татбиқи Барномаи ЮНДАФ дар солҳои 2016-2018

Бо дарки он, ки ҳамкории қавӣ асоси муваффақият аст, мо ба шарикони рушд ва ҷонибҳои кӯмакрасон барои ҳамкорӣ ҷиҳати дигаргун сохтани зиндагии сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ менамоем. Ҳамкорӣ бо шарикони мазкур ба сохторҳои СММ барои ҷалб намудани маблағҳои зарурӣ ҷиҳати ноил гардидан ба пешравиии дар ҳисоботи мазкур пешниҳодшуда имконият фароҳам овард.

## ВАЗОРАТУ СОХТОРҲОИ ДАВЛАТӢ

Агентии бехдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати ҶТ
Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикисстон
Агентии назорати маводи мухаддири назди Президенти ҶТ
Агентии омори назди Президенти ҶТ
Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ
Агентии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ассотсиатсияи корфармоён
Бонки миллии Тоҷикистон
Вазорати адлияи ҶТ
Вазорати кишоварзии ҶТ
Вазорати корҳои дохилии ҶТ
Вазорати корҳои хориҷии ҶТ
Вазорати маориф ва илми ҶТ
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ
Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ
Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ
Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ
Идораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ"
Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ
Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ
Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ
Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти ҶТ
Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ
Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ
Маркази миллии гуногунии биологӣ ва бехатарии биологӣ
Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона
Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика
Маркази ҷумҳуриявии масоили ғизо
Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ
Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО/БПНМ
Маркази ҷумҳуриявии тарзи ҳаёти солим
Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон"
Раёсати кафолати ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ
Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон
Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ

## СОХТОРҲОИ КӮМАКРАСОН

Алянси байналмиллалӣ оид ба ваксинакунонӣ ва эмкунӣ
Барномаи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба ҳамкорӣ бахри ҳуқуқи шахсони маъюб
Гурӯҳи ташкилотҳои Бонки умумиҷаҳонӣ
Донорҳои хусусӣ аз Испания, Ҷумҳурии Корея, Италия, Ҷопон, Шветсия ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка
Иттиҳоди Аврупо
Фонди боварии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба бехатарии башарӣ
Фонди Британияи Кабир оид ба пешгирии низоъ ва таъмини субот
Фонди глобалии мубориза бо БПНМ, сил ва вараҷа
Фонди глобалии муҳити зист
Фонди Канада оид ба ғизо ва таҳсилоти кӯдакон
Фонди СММ оид ба сулҳофаринӣ
Фондҳои махсуси сохторҳои СММ
Ҳукумати Британияи Кабир, Вазорати рушди байналмиллалии Британияи Кабир
Ҳукумати Дания
Ҳукумати Италия
Ҳукумати Олмон
Ҳукумати Финляндия
Ҳукумати Франсия
Ҳукумати Ҷопон
Ҳукумати Австралия
Ҳукумати Австрия
Ҳукумати Канада
Ҳукумати Люксембург
Ҳукумати Норвегия
Ҳукумати Словакия
Ҳукумати Федератсияи Россия
Ҳукумати Ҷумҳурии Чехия
Ҳукумати Швейтсария
Ҳукумати Шветсия
Ҳукумати Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Агентии ИМА оид ба рушди байналмиллалӣ


ҲАДАФҲОИ
РУШДИ
УСТУВОР
1 БАРҲАМ ДОДАНИ КАМБИЗОАТӢ
2 БАРҲАМ ДОДАНИ ГУРУСНАГӢ
3 САЛОМАТӢ ВА НЕКӮАҲВОЛӢ
4 МАЪРИФАТИ БОСИФАТ
5 БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ
6 ОБИ ТОЗА ВА БЕҲДОШТ
7 НЕРУИ ДАСТРАС ВА ТОЗА
8 МЕҲНАТИ САЗОВОР ВА РУШДИ ИҚТИСОДӢ
9 САНОАТИКУНОНӢ, ИННОВАТСИЯ ВА ИНФРАСОХТОР
10 КОҲИШИ НОБАРОБАРӢ
11 ШАҲРУ МАҲАЛҲОИ УСТУВОР
12 ИСТЕЪМОЛУ ИСТЕҲСОЛИ ОҚИЛОНА
13 МУБОРИЗА БО ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ
14 НИГАҲДОРИИ ЭКОСИСТЕМАИ БАҲРӢ
15 НИГАҲДОРИИ ЭКОСИСТЕМАИ ЗАМИНӢ
16 ҶОМЕАИ ОСОИШТА ВА ДАСТРАСӢ БА АДЛИЯ
17 ҲАМКОРӢ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР